# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Бобомаллаев Илхомҷон Ҷанобович «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX» (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

Адабиёти солҳои 50-70-уми садаи XX –и тоҷик яке аз давраҳои пурғановати адабӣ ба ҳисоб рафта, дар ин давра чеҳраҳои намоёни назму насри бадеӣ, ба монанди Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Сотим Улугзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ, Пӯлод Толис, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон бо осори гаронмояи худ арзи ҳастӣ карда, ҳар кадоме дар рушду инкишофи адабиёти ин давр саҳми шоиста ва назаррас гузоштаанд.

Таҳаввулоти сифатӣ ва дигаргуниҳои куллие, ки дар назми солҳои мавриди назар ба миён омадааст, бештар ба ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва ҷасорати адабии Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат ва Ҳабибулло Файзулло пайвастагӣ дорад.

Диссертатсияи Бобомаллаев И.Ҷ. ба яке аз масъалаҳои муҳим ва замонавии адабиёти тоҷик таҳаввули назми солҳои 50-70 -уми асри XX, сифатҳои нав касб кардани он ва мақому истеъдоди шоирӣ, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, навпардозиҳои вижагиҳои услубӣ, тасвироти бадеӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ бахшида шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат аст. Дар муқаддима аҳамияти мавзӯи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгонӣ, арзиши назарӣ ва амалӣ, асосҳои назарӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки ба дифоъ пешниҳод шудаанд, саҳми муаллиф, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот ба таври мукаммал ва саҳеҳ баён карда шудааст (саҳ.3-14).

Диссертант дар муқаддимаи рисола навиштааст: «Ҳанӯз аз шеъру маҷмӯаҳои аввалини эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ таваҷҷуҳи суханшиносону мунаққидонро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, таълифоти анҷомёфта асосан дар қолаби ёддошту хотира, тақризу мақола, зиндагинома, фаъолияти эҷодӣ, бозтоби мавзӯъ ва мундариҷаи осор, арзиши бадеиву маърифатӣ ва таърихию ҳунарии осори адиб ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти нимаи дуюми садаи XX ва нақши ӯ дар таҳаввули анвои адабии ин давра комилан муайян нагардидааст» (саҳ.9-10). Ба таъбири дигар, рӯзгору осор, ҳунари шоирӣ, анъанаю навпардозӣ, забон ва услуби баён, бадеияти ашъор ва паҳлуҳои

фаъолияти эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ, аз ҷумла насри бадеӣ, осори публитсистию драмавӣ, ашъори тарҷумавӣ, осори бачагонаи ҳаҷвӣ ва афкори адабию танқидии адиб то ҳол мавриди омӯзиши амиқ ва тадқиқоти ҷудогона қарор нагирифтаанд.

Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ диссертант ҳамаи мақола, тақриз, хотира ва ёддоштҳои адибон, адабиётшиносон ва муҳаққиқонро доир ба ҳаёт ва эҷодиёти адиб мавриди таҳлил қарор додааст.

Мақсад ва вазифаи таҳқиқоти диссертатсия зиндагиномаи Аминҷон Шукӯҳӣ ва таъини ҷойгоҳи ӯ дар назми солҳои 50-70-уми садаи бист ва баъзе масъалаҳои поэтикаи ашъори шоир мебошад. Дар ин қисмати кор ҳашт масъала мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-уми асри ХХ» унвон дошта, он аз ду зерфасл «Қувват гирифтани лирикаи тасвирӣ дар назми муосири тоҷик» ва «Сифатҳои нав касб кардани шеъри тоҷикӣ дар солҳои 50-70-ум» иборат аст.

Дар ин қисмати рисола оид ба пайдоиши шеъри тасвирӣ, ки бозтоби шоирона ва тасвири макone, замоне, фазое, ҳолате ва манзарае мебошад, сухан ронда, ашъори ба ҳамин равия эҷодшудаи Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир ба риштаи таҳлилу тадқиқ кашида шудаанд. Инчунин муаллиф мулоҳизаҳояшро дар бораи дар шеъри солҳои 50-70-ум ба вуҷуд омадани сифат ва хусусиятҳои нав, пеш аз ҳама, тақвият ёфтани мазмуни ҳаётӣ ва ҷанбаи фалсафии шеъри тоҷикӣ, пурзӯр шудани дахолати он ба соҳаҳои мухталифи зиндагии инсоният ва оламн ботинии ӯ, тарзи баён, сохту таркиб, образҳо ва дараҷаи бадеиву эстетикии шеър иброз доштааст.

Дар ин давра мафҳумҳои «шеъри мушаххас» ва «мушаххаснависӣ» пайдо шуд, ки ин ҷараёни тозаи адабӣ ба номи шоироне аз қабили Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва баъдан Мӯъмин Қаноат ва дигарон алоқаи қавӣ дорад.

Боби дуюми рисола «Аминҷон Шукӯҳӣ ва мақоми ӯ дар назми солҳои 50-70-уми асри ХХ» ном дошта, дар он зиндагинома, мероси адабӣ ва мавзӯю мундариҷа, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, навоварӣ, навпардозиҳои ашъори шоир баррасӣ шудааст.

Дар қисмати зиндагинома диссертант тарҷумаи ҳол ва фаъолияти меҳнатию эҷодии шоирро мӯшикофона таҳлил намуда, санадҳои нодуруст ва пурихтилофи дар китобҳои «Адибони тоҷик», «Энсиклопедияи советии тоҷик», «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», инчунин дар баъзе ҷашнвораҳо омадаро зикр кардааст.

Фаъолияти нависандагии Аминҷон Шукӯҳӣ дар ибтидои солҳои шастум аз эҷоди ҳикояҳои лирикӣ оғоз ёфтааст, ки онҳоро метавон чун шеъри мансур ё насри лирикӣ муаррифӣ кард.

Дар ин қисмат ҳикояи «Шаҳло» ва повестҳои «Шаҳло ва Шифо» ва «Имзои шахсӣ»-и Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҳилолиён Аскар мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Охирин асари насрии адиб повести «Парии ҷазира» (1973) мебошад.

Диссертант дар ин боби рисола фаъолияти публитсистӣ, драматургӣ, асарҳои барои атфол навиштаи адиб. осори илмӣ-адабӣ ва фаъолияти тарҷумонии Аминҷон Шукӯҳиро баррасӣ намудааст. Мавзӯоти марказии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ, ки ватан ва ватандӯстӣ, сулҳу амнияти халқҳо, модар, панду ахлоқ ва ишқу зебоиро дар бар мегирад, дар ҳамбастагӣ бо шеърҳои ба ҳамин мавзӯъҳо бахшидаи шоирон Мирзо Турсунзода, Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Қисмати охирини боби мазкур ба ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навоварию навпардозиҳои ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ бахшида шудааст. Шоир таҷрибаи бою ғании адабӣ андӯхта, аз солҳои 50-ум самимияти ифодаро қонуни асосии эҷод қарор дод. Ӯ дар шеъри «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш» овоз ва симои хоси худашро ҳамчун шоири навпардоз нишон дод. Силсилаи шеърҳои «Ба ту ман дил намебандам», «Ҳусн», «Занбӯри асал» ва «Ту гул не» камолоти эҷодӣ, навпардозӣ ва муваффақиятҳои беназири шоир ба ҳисоб меравand.

Навҷӯӣ ва навоварии Аминҷон Шукӯҳиро дар тарзи тасвир, услуб ва ҳаллу фасли мавзӯъ дар достони «Кӯчабоғи ошиқон» равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

Диссертант дуруст хулоса мебардорад, ки «навпардозиҳои шоир дар мавзӯю мундариҷаи ашъор, шаклу қолаби ифода, системаи образҳои шеъриву қаҳрамони лирикӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, забону услуби ифода ва таносуби қавии ахлоқу ишқ ва дарки инъикоси дигаргуниҳои воқеият ба назар мерасанд» (саҳ. 109).

Боби сеюми рисола ба хусусиятҳои услубию бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ бахшида шудааст.

Дар бораи забон ва тарзи баёни адибони ҷавон устод С.Айнӣ ҳанӯз соли 1948 дар мактуби худ ба Пӯлод Толис навишта буд: «Аммо Шумо (яъне Толис-З.Ӯ.), Фарҳат ва Шукӯҳӣ чизи дигаред. Забони адабии тоҷик аз шумо ҷавонон сарсабзиҳои бисёр аълоро умедвор аст» (саҳ.111). Ин ҷиҳати эҷодиёти шоирро мунаққидон Ғаффор Мирзо, Соҳиб Табаров, Муҳиддин Фарҳат низ қайд карданд. Ба ақидаи муаллифи рисола «...ба забони шеъри Аминҷон Шукӯҳӣ ва услуби эҷодии ӯ калимаю таркибҳои

мубҳаму печида ва душворфаҳму гӯшхарош хос набуда, суханаш дилнишину зебо, ботакаллуфу ҳайратангез ва нигоҳаш латифу бардошташ шоирона аст, нишонаҳо аз сабки хуросонӣ дар он побарҷост» (саҳ. 114). Пеш аз ҳама, дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ самимияту ҳаяҷоннокии лирикӣ ва оммафаҳмию истифодабарии забони зиндаи халқ ба назар мерасад.

Яке аз воситаҳои услубии ашъори Аминҷон Шукӯҳи ба воситаи ҷирмҳои осмонию заминӣ ва набототу ҳайвонот арзи матлаб кардан ва ё дар асоси образҳо гузошта шудани ҳамин гуна унсурҳост.

Истифодаи калимаю таркибҳои забони халқӣ, панду ҳикматҳои мардумӣ дар ашъори Аминҷон Шукуҳӣ мавқеи муҳим доранд. Аминҷон Шукӯҳӣ аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ ташбеҳ, маҷоз, истиора, киноя, тавсиф, тамсил, таҷнис, ташхис, талмеҳ, тазод, муболиға, руҷӯи лирикӣ, суолу ҷавоб, такрор ва ғайраҳо дар ашъораш ба таври фаровон ва устодона истифода бурдааст.

Чунин тарзи офариниш боис шуданд, ки ба ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ бисёр композиторон оҳанг бастаанд, сарояндагони маъруфи тоҷик онҳоро суруданд ва дар байни омма ин сурудҳо маъруфу машҳур гардиданд.

Дар қисмати хулоса ба таври мукаммалу муфассал, аз ҳар бобу зербобҳо дар хабдаҳ банд ҷамъбастҳои илмӣ пешниҳод шудааст, ки аз вусъати мутолиа ва дақиқии баррасиҳои муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Номгӯи адабиёти илмӣ ва бадеӣ мувофиқи талаботи ин намуди кор тартиб дода шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар рисола чанд норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии корро афзуда, сатҳи илмии рисоларо боло хоҳанд бурд:

1. Дар муқаддимаи рисола банди «Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ» ҳаҷман калон шудааст, ки эҳтиёҷ ба бознигарӣ дорад.
2. Рисола ба назми Аминҷон Шукӯҳӣ бахшида шудааст, бинобар ин доир ба асарҳои мансури адиб-ҳикоя, повест, адабиёти бачагона, мақолаҳои публитсистӣ ва ҳаҷвии шоир маълумоти нисбатан муфассал пешниҳод кардан зарурат надорад.
3. Дар саҳифаҳои кор такрори фикр, ҷумлаҳо, калимаю иборахо, хатоиҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои фавқуззикр ҳусни рисоларо коҳиш намедиҳанд ва ислоҳшаванда ҳастанд. Рисола дар сатҳи баланд, бо услуби илмӣ таълиф ёфтааст ва ҷамъбасту хулосаҳои мудаллал ва эътимодбахш мебошад.

Хулоса, рисолаи илмии Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX» (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ) тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Фишурдаи рисола, мақолаҳои ба чоп расонидаи Бобомаллаев Илҳомчон Ҷанобович ва гузоришҳои илмии ӯ мӯҳтавои рисоларо ифода намуда, аз лаёқати баланди илмии муаллифи он гувоҳӣ медиҳанд.

Рисолаи илмии Бобомаллаев Илҳомчон Ҷанобович «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX» (дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ) ба талаботи КОА назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда. муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик мебошад.

**Мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои филология, профессор** **Ӯлмасова З.Ҳ.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,**
**Тел: +(992) 92 771 44 70**
**E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru**

**Имзои Ӯлмасова З.Ҳ. –ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»** **Ашрапова З.Н.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.**
**тел:+(992)927388887**
**E-mail: ddhkadr@mail.ru**
27.11.2020.